# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 29 январи соли 2021** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 диссертатсияи номзадии Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевичро, ки дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананд» ҷиҳати барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (роҳбари илмӣ: Қудратов Некруз Абдунабиевич - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Азимзода Назир Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода; Гайратов Тимуршо Муборакшоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе; муассисаи тақриздиҳанда: Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд); баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Тақдиршо Шарифович; доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода Анвар Ислом; доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода Убайдулло Абдулло; доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҷидзода Ҷурахон Зоир, номзади илми ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳаёт Сайдамирро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананд» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба

Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**